Дар бораи тасдиқ  намудани Дастурамал “Дар бораи ҳисобкунӣ ва пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт”

Мутобиқи муқаррароти қисми 7 моддаи 268 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Дастурамал “Дар бораи ҳисобкунӣ ва пардохти андоз аз воситаҳои нақлиёт” бо забонҳои давлатӣ ва русӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Дастурамали мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани Дастурамали мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.

4. Ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2012, таҳти №15-ф  “Дар бораи тасдиқ намудани шаклҳои эъломияҳо ва ҳисобҳои андоз”, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти, №546 “б”  аз 21 декабри соли  2012 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, тағйиротҳои зерин ворид карда шаванд:

- аз номи фармоиш  калимаҳои  «ва ҳисобҳои андоз» хориҷ карда шавад;

- зербанди  «е»  банди 1 хориҷ карда шавад.

5. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ  мавриди амал қарор дода шавад.

6. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини аввали Раис Солиев А.М. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н.Давлатов**